**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

шурои диссертатсионии 6D.K0A-047-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ.

1. Кори таҳқиқотии диссертатсионии Одиназода Дилосо Давлятшо омӯзиши яке забонҳои хориҷӣ, яъне забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва инкишофи қобилияти хонандагоги синфҳои миёнаро дар бар мегирад, ки ин масъала ба яке аз самтҳои афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, методикаи таълим, фарҳанги муошират ва пайдоиши арзишҳо дар ниҳоди хонадагони муассисаҳои таҳсилотӣ алоқаманд бахшида шудааст.

Ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ, азхудкунии дониш, ташаккули қобилият ва истеъдод ба даст овардани иттилоот ва салоҳиятҳои забондонию забономӯзии хонандагон ба омӯзиши забони англисӣ маҳз дар муассисаҳои таҳсилотӣ амалӣ карда мешавад, ки он ба васеъ гардидани робитаҳои байналмилалӣ, мустаҳкам шудани ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонгароӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа мусоид мебошад. Вазифаи асосии омӯзгори мактаб ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнию эҷодӣ, бедор кардани майлу ҳавасҳои таълимии дастпарварон дар раванди омӯзиши забони англисӣ баҳри амалӣ намудани ин мақсад нигаронида шудааст.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ, миқдори зиёди мақолаҳои диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» бар меояд, ки паҳлуҳои муҳимми омӯзишу рушди салоҳияти коммуникативӣ - нутқӣ хонандагони синфҳои миёна ба омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ омӯхта шудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи муштараки кафедраи методикаи таълими забони хориҷӣ (англисӣ, хитоӣ ва олмонӣ),кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ (англисӣ), кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи

Рӯдакӣ» муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст. (протокол аз 29.05.2025, №10/3).

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, суратҷаласаи №9/3-18 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ мутобиқат мекунад, аз ҷумла:

- банди 1. Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони ЗХ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот.

- банди 2. Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фанни ЗХ дар равандҳои таҳсилотӣ.

- банди 3. Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фанни ЗХ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ.

- банди 4. Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш.

3. Қобили зикр аст, ки муқарраротӣ асосии назариявӣ ва натиҷаҳои татқиқотии докторанти PhD Одиназода Дилосо Давлятшо дар ҷаласаҳои илмии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ, хитоӣ ва олмонӣ),кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, кафедраи умумидонишгоҳии забони хориҷӣ ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии омузгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин дар ҷаласаҳо ва семинарҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни факултетҳои забони русию хориҷӣ ва факултети педагогика мавриди тасвиб қарор дода шудааст. Ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 9 интишороти муаллиф, ки 1 дастури амалии таълими, 5 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо дақиқияти қавоиди аввалияи методологӣ ва назариявӣ; саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар чунин кору амалҳо зоҳир мешавад: таҳияи тарзу усули ҷорӣ кардани кори озмоишӣ дар мавзуи таҳқиқшаванда; таҳияи қоидаҳои бунёдии таҳқиқоти диссертатсионӣ; роҳбарии бевосита ва ширкати бевоситаи муаллифи рисола дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ; тавассути озмоиш ба даст овардани маълумоти эмпирикӣ, ҷамъбасти назариявии онҳо ва шарҳи илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар диссертатсия ва мақолаҳои интишоршудаи муаллифи таҳқиқот.

6. Талаботи Низомнома дар бораи қабул кардани диссертатсияро ба шурои диссертатсионӣ ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертӣ диссертатсияи докторанти PhD Одиназода Дилосо Давлятшо тавсия медиҳад, ки:

а) ҳангоми таҳия ва баррасии хулосаи экспертӣ номи мавзуи диссертатсионӣ аз «Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» ба «Асосҳои методии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» пайгирӣ карда шавад ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Ҳоҷиматовна Гулчехра Масаидовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи милии Тоҷикистон ва **Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ, факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон таъйин карда шавад.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

ғ) нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшоро дар мавзуи «Асосҳои методикаи рушди фаъолияти

амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи «Асосҳои методии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муқарризони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон бо ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муққаризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Ҳочиматова Гулчеҳра Масаидовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

- **Байдуллоев Аъзамчон Ибодуллоевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ, факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комисяи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Ҷамшедов П.

Аъзоҳои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Рӯзиева Л.Т.

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Рамазонова Р.С.

Имзоҳои П.Ҷамшедов; Л.Т.Рӯзиева; Р.С.Рамазоноваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.

“ 28 ” апрели соли 2026